# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.**

То кунун доир ба хусусиятҳои феъли забони яғнобӣ ковишҳои илмии назаррас аз ҷониби донишмандони шинохта М.Н. Боголюбов, А.Л. Хромов, С. Мирзозода ва ғайра ба анҷом расида, дар ин замина осори фаровони илмӣ интишор гардидааст. Бо вуҷуди ин аксар бахшҳои феъл ниёз ба пажуҳишҳои васеътар дорад, ки яке аз онҳо категорияи замон мебошад. Агар ба сохтори замони гузаштаи феъли забони яғнобӣ назар афканем меълум мешавад, ки баъзе роҳҳои ташаккули он ҳанӯз дар давраҳои бостонии забонҳои эронӣ мавҷуд будаанд. Маъмулан шаклҳои сода ва ҳикоягии шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забони яғнобӣ тавассути аугмент сохта мешаванд, ки то кунун таърихи ташаккул ва хусусиятҳои дастурии он муфассар баррасӣ нагардидааст. Маҳз ҳамин нуктаро унвонҷӯ Самадов Р. пай бурда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳи пурпечухами замони гузаштаи феълро дар забонҳо яғнобӣ таҳқиқ номауда, ҳолати кунунии онро дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ошкор кунад.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебоашд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ, пажуҳишҳои дар ин самт анҷоёфта, объекти таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, масъалаҳои дар диссертатсия баррасишаванда, методи таҳқиқ, боварибахш будани натиҷаҳои он, асосҳои методологӣ ва назариявии он, базаҳои асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, муҳиммияти назариявию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб, истифодаи натиҷаҳои он дар амалия, нашри натиҷаҳои асосӣ ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби нахустини диссертатсия -** ***«Аз таърихи зуҳури аугмент ҳамчун унсури замонсози феъл»*** унвон дошат дорои ду фаслу ёздаҳ зерфасл мебошад. Дар ин боб сухан аз пайдоиш ва ташаккули аугмент дар забонҳои ғайриэронӣ, мавқеи корбурди он дар забонҳои порсии қадим ва

авестоӣ, таҳаввулоти замони гузаштаи феъл дар забонҳои миёнаи ғарбиэронӣ ва мавқеи аугмент дар забонҳои миёнаи шарқиэронӣ меравад.

Дар фасли аввал аз кадом забон оғоз гардидани аугмент мушаххас карда шуда, баъдан вазифаҳои он дар забонҳои ғайриэронӣ баррасӣ шудааст. Бо вуҷуди кам будани осори хаттӣ ба забонҳои куҳани арманӣ ва фриқӣ унвонҷӯ тавонистааст, ки махсусиятҳои аугментро дар ин забонҳо нишон диҳад. Фасли дуюм «Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъли забонҳои эронӣ» ном дошта дар он сухан аз хусусиятҳои истифодаи аугмент дар забонҳои порсии қадим ва авестоӣ меравад. Зимни баррасӣ айён гардидааст, ки аугмент нисбат ба забони авестоӣ бештар дар забони порсии қадим ба чашм мерасад. Сабаби кам дучор гардидани аугментро унвонҷӯ ба ду омил рабт медиҳад: 1) дар забони авестоӣ таъсири котибони китоби Авесто зиёд мебошад, ки онҳо гӯишҳои мухталифро намояндаигӣ мекарданд; 2) дигар омил ин омада нарасидани нусхаи аслии китоби Авесто то мо, мебошад, ки пурра ошкор намудани хусусиятҳои дастурии забони авестоиро мушкил намудааст.

**Боби дуюми – *«Нақши аугмент дар ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои нави эронӣ»*** номгузорӣ шуда, дорои ду фаслу шаш зерфасл мебошад. Дар фасли аввал махсусиятҳои аугмент дар шаклҳои сода ва ҳикоягии забони толишӣ баррасӣ гардидааст. Дар фасли дуюм сухан аз вижагиҳои аугмент дар забони яғнобӣ рафтааст. Нахуст доир ба баъзе пажуҳишҳои доир ба ин ё он самти забони яғнобӣ бахшидашуда сухан рафта, сипас дар бораи фарҳангномаҳои маълумот дода шудааст. Дар фаслҳои баъдӣ таъкид шудааст, ки аугмент дар забони яғнобӣ дар ташаккули шаклҳои сода ва ҳикоягии замони гузаштаи феъл нақши бориз дорад. Аз лиҳози сохтор аугмент метавонад дар феълҳои сода, сохта ва таркибӣ ояд. Зимни баррасии зерфасли панҷуми фасли дуюм, ки «Мавқеи корбурди аугмент ва пешванди на- дар феълҳо» унвонҷӯ собит намудааст, ки дар забони яғнобӣ феълҳои сохта низ мавҷуданд. Зеро то кунун дар осори илмии бадастомада доир ба дастури забони яғнобӣ феълҳо аз ҷиҳати сохт ба сода ва сохта дастабандӣ шуда буданд.

То кунун феълҳои таркибии забони яғнобӣ ба ҷуз аз бархе пажуҳишҳои забоншинос С. Мирзоев муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Унвонҷӯ дар зерфасли шашаум, ки «Мавқеи корбурди аугмент дар феълҳои таркибӣ» унвон дорад доир ба мавқеи аугмент дар феълҳои такибии номӣ ва феълӣ маълумот додааст. Зимни баррасӣ мушаххас намудааст, ки феълҳои таркибии феълӣ дар забони

яғнобӣ бо ду роҳ ташаккул меёбанд, ки аугмент дар ҳар дуи он ба чашм мерасад.

Боби сеюми диссертатсия – ***«Муқоисаи шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва ягнобӣ»*** ном дошта ҳафт фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб ҳолати кунунии шаклҳои сода, ҳикоягӣ, дур, дури давомдор, нақлӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ ва ҳикоягии замони гузаштаи феъли забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ мавриди муқоиса қарор дода шудаанд.

Зимни муқоиса унвонҷӯ дастёб шудааст, ки бештари шаклҳои замони гузаштаи феъл, ки дар забони яғнобӣ ба шахсу шумора тасниф нагардида буданд, тасниф намуда вазифаҳои дастурии онҳоро нишон диҳад. Маводи фактологии аз осори насрии адибони муосири тоҷик ба мисли «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ, «Сармаддеҳ. Шоҳаншоҳ»-и Баҳманёр, «Агар вай мард мебуд»-и Ф. Баҳром, «Дар орзуи падар»-и К. Мирзоев, «Тобистон»-и П. Толис ва «Матнҳои яғнобӣ» (бо забони русӣ), бахши «Матнҳо»-и «Забони яғнобӣ» (бо забони русӣ)-и А. Хромов, «Суннатҳои маҳаллӣ ва сурудҳои яғнобӣ»- и С. Мирзоев, бархе матнҳои мухтасарӣ дар маҷаллаҳо нашргардида, инчунин забони зиндаи яғнобӣ ҷамъоварӣ шудааст.

Зимни муқоиса аён мегардад, ки шаклҳои сода ва ҳикоягии замони гузаштаи феъл дар забони яғнобӣ тавассути аугмент сохта мешавад, ки дар забони тоҷикӣ чунин ҳолат ба чашм намерасад. Инчунин истеъмол нашудани феъли ёридиҳандаи **истодан** дар шаклҳои гузаштаи дури давомдор (муайян) ва дури давомдори (муайян) нақлии забони яғнобӣ аз тафовутҳое мебошанд, ки дар сохтори шаклҳои замони гузаштаи забонҳои мавриди муқоиса ба чашм мерасанд.

Монандӣ дар сохтори шаклҳои замони гузаштаи феъл дар он зоҳир мешавад, ки нақши феъли ёваридиҳандаи **будан-**и тоҷикӣ ва **ой-**и забони яғнобӣ дар ташаккули шаклҳои замони гузаштаи дур, дури давомдор, дури давомдори нақлии феъл назаррас мебошад.

Хулосаҳо дар 15 банд оварда шудаанд, ки масъалаҳои дар бахшҳои диссертатсияро баррасишударо фаро мегиранд.

Бо вуҷуди комёбиҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки зикри онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1.Зимни баррасии масъалаи аугмент дар забони авестоӣ унвонҷӯ бо овардани ду феъл қаноат кардааст, ки барои баррасии як фасл кам мебошад.

2. Дар навишт баъзан ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ мушоҳида мешавад (с. 2, 3, 19).

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии автореферитро кам намекунад.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи **Самадов Рамазонӣ Саидназарович** таҳти унвони **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** таҳқиқоти бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои филологӣ,
и.в., дотсент сардори шуъбаи робитаҳои
байналмилаии Леваканти ДБССТ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Суроға:
735360, ш. Кӯлоб, кӯч. Ш. Сафаров №36
Тел,: (+992) 918-27-69-62
E-mail: gulomov.haidar@mail.ru

Имзои Ҳ.Қ. Гулямовро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Шомудионова Шаҳло Хоҷамқуловна

Суроғаи муассиса:
Суроға: 735147, кӯчаи ба номи Рӯдакӣ,
ш. Левакант, вилояти Хатлон,
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел,: (+992 37) 234-88-02

«03» 09 соли 2025